**Пажуҳишгоҳи илмӣ - тадқиқотии Бонки миллии Тоҷикистон**

# Натиҷаи назарсанҷӣ дар мавзуи "Арзёбии талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди онҳо "

Душанбе 2023

**Мундарича**

**Маълумоти умумӣ**......................................................................................3
**Раванди ташкили назарсанҷӣ** .....................................................................3
**Хусусиятҳои демографии респондентҳо** ...................................................4
**1.1. Манбаҳои даромади респондентҳо**..........................................................7
**1.2. Шакл ва намудҳои суратҳисоби бонкӣ**..............................................8
**1.3. Намудҳои маҳсулоти молиявӣ** ..............................................................8
**1.4. Мақсади истифодаи навъҳои кортҳои пардохтии бонкӣ**.........9
**1.5. Мақсади истифодабарии замимабарномаҳои мобилӣ**...........................10
**1.6. Интернент бонкинг ва мақсади истифодабарии он**..................12
**2. Ҳолати истифодабарии хизматрасониҳои молиявӣ** ........................13
**2.1. QR -рамз ва мақсади истифодабарии он** ..........................................13
**2.3. Арзёбии маҳсулоти қарзии ТҚМ** ......................................................14
**2.4. Қаноатмандӣ аз меъёри фоизи пасандозҳо дар ТҚМ** ...............16
**2.5. Намуди маҳсулоти молиявии ба фаъолият кумакрасон** .........17
**2.6. Мушкилот дар самти истифодаи маҳсулоти молиявӣ**.............18
**Хулоса ва тавсияҳо**..........................................................................................20

**Маълумоти умумӣ**

Назарсанҷӣ дар мавзуи "Арзёбии талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди онҳо" аз ҷониби пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ бо мақсади таъмини иҷрои банди 25 "Нақшаи чорабиниҳои Бонки миллии Тоҷикистон оид ба иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, №314 "Дар бораи Стратегияи миллии фарогирии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026", ки бо фармони Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз 8 ноябри соли 2022, №195/фф тасдиқ шудааст ва банди 28-и нақшаи кори пажуҳишгоҳ дар давраи аз 24 то 27 октябри соли 2023 гузаронда шуд. Ҳамчунин, пажуҳишгоҳ мониторинги раванди назарсанҷиро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо дар шаҳрҳои Душанбе, Ҳисор, Ваҳдат ва ноҳияи Рӯдакӣ бо сафарбар намудани кормандони худ таъмин намуда, минбаъд ин маълумотро ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлил намуд.

Бояд қайд кард, ки варақаи назарсанҷӣ аз тарафи пажуҳишгоҳ таҳия гардида, бо назардошти пешниҳодҳои идораи низоми пардохт такмил дода шуд. Ҳамзамон замимаи электронии варақаи назарсанҷӣ дар ҳамкорӣ бо департаменти технологияҳои иттилоотӣ омода гардида, барои гузарондани назарсанҷӣ бо истифодаи барномаи худкор дар суроғаи муайяни интернет ҷойгир карда шуд, ки ҳамаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба он дасрасӣ доштанд.

Ҳамчунин, шуъбаҳои минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон дар шаҳрҳои Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб, Хоруғ ва шаҳраки Ғарм мониторинги раванди назарсанҷиро дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва воҳидҳои сохтории онҳо дар минтақаҳо бо сафарбар намудани кормандони дахлдори худ таъмин намуданд. Баъд аз ҷамъоварӣ, гурӯҳбандӣ ва коркарди маълумот аз рӯйи натиҷаи назарсанҷӣ ҳисоботи таҳлилии зерин омода гардид.

**Раванди ташкили назарсанҷӣ**

Дар раванди назарсанҷӣ ба инобат гирифтани аломатҳои гуногуни демографӣ, аз ҷумла, ҷинс, синну сол ва мақоми иҷтимоӣ хело муҳим ба ҳисоб рафта, аз рӯйи ин аломатҳо маълумоти дахлдор ҷамъоварӣ,

гурӯҳбандӣ ва коркард шудаанд, ки ҳамаи минтақаҳои ҷумҳуриро фарогир буда, имконияти баробар фароҳам оварда шуд ва маълумоти назарсанҷӣ аз нигоҳи ваколат ё репрезентативӣ мубрам ҳисобида мешавад.

Хусусиятҳои демографии респондентҳо

Таҳлили маълумоти ҷамъоварӣ ва коркардшуда нишон медиҳад, ки дар назарсанҷӣ маҷмуан 9241 – нафар респондентҳо, аз ин миқдор 5392 нафар ё 58,3% мард ва 3661 нафар ё 39,7% занҳо ташкил намуданд. Ҳамчунин, аз шумораи умумии респондентҳо 188 нафар ё 2% аз посух гардонидан ба саволҳои пешниҳодшуда худдорӣ намуданд (ниг. ба диаграммаи 1).

Диаграммаи 1.

Хусусиятҳои демографии респондентҳо




Респондентҳо бо усулҳои гуногун ба назарсанҷӣ фаро гирифта шуда аз шумораи мизоҷони ташкилотҳои қарзии молиявие мебошанд, ки дар ин давра ба ин ташкилотҳо мурочиат намудаанд ва интихоб гардиданд, ё дар шакли маҷозӣ ба ин сомона ворид шуда, дар замимаи электронӣ саволномаро пур карда фиристодаанд. Баъд аз анҷоми мӯҳлати муқарраргардида фаъолияти сомона ва замима барномаи он ба таври худкор қатъ гардид.

Аз рӯйи хусусияти синну соли муайян намудани талаботи респондентҳо ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ масъалаи муҳими назарсанҷӣ ба шумор рафта, маълум гардид, ки 453 нафар ё 4,9% пурсидашавандагон ба ин савол посух надоданд. Ҳамчунин, гурӯҳбандии синну солиро аз рӯйи фосилаи муайяншуда (даҳсола) гузаронида, муқаррар гардид, ки шумораи гурӯҳҳои синну солӣ дар маҷмуъ 6 ададро ташкил додаанд. Аз шумораи умумии респондентҳо 1383 нафар ё 15% то 25-сола, 3042 нафар ё 32,9% аз 26 - 35 сола, 2202 нафар ё 23,8% 36-45 сола, 1262 нафар ё 13,7% 46-55 сола, 762 нафар ё 7,9% 56-65 сола ва 173 нафар ё 1,9 % аз 65 сола калон буда, маълум гардид, ки талабот ва таваҷҷуҳи ҷавонони синни 26-35 сола ба гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ зиёдтар аст. (ниг. ба диаграммаи 2).

Диаграммаи 2.

Гурӯҳбандии синну солии респондентҳо аз рӯйи ҷавобҳо




Омӯзиши талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ бо назардошти сатҳи дониш ва маълумотнокӣ муҳим дониста мешавад ва аксарияти (52%) респондентҳо, ки дар назарсанҷӣ иштирок намуданд дорои маълумоти олӣ мебошанд, аз ин ҷиҳат сатҳи маълумотнокӣ имконият ва дастрасиро ба маҳсулоти молиявӣ ва талаботро ба он бештар мегардонад. Дар баробари ин, 224 нафар ё 2,4% респондентон аз посух гардонидан ба ин савол худдорӣ намуданд. Шумораи респондентҳое, ки таҳсилоти миёнаи касбӣ доштанд 17% ва маълумоти миёнаи умумӣ

доштанд 28%-ро ташкил додаанд. Яъне ҳиссаи респондентҳое, ки маълумоти олӣ надоштанд ва дар раванди назарсанҷӣ ширкат варзидаанд дар маъмуъ 46%-ро дар бар гирифтааст.

Ҳолати тақсимоти респондентҳо вобаста ба сатҳи маълумот дар диаграммаи зерин оварда шудааст (ниг. ба диаграммаи 3).

Диаграммаи 3.

Сатҳи маълумотнокии респондентҳо




Масъалаи дигар, ки дар раванди ин назарсанҷӣ муҳим ҳисобида мешавад ин омӯзиши вазъи оилавии респондентҳо мебошад, ки аз шумораи умумии пурсидашавандагон аксарият, 81,7% ё 7548 нафар оиладор буда, 16% ё 1476 нафар муҷарраданд ва 2,3% ё 217 нафар аз посух додан ба ин савол худдорӣ намудаанд (ниг. ба диаграммаи 4).

Диаграммаи 4.

Вазъи оилавии респондентҳо



1.1. Манбаъҳои даромади респондентҳо

Барои арзёбии талабот ба гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ муайян намудани манбаи даромади респондентҳо хеле муҳим дониста мешавад. Бинобар ин, дар саволнома доир ба ин масъала якчанд варианти ҷавобҳо қайд гардидааст, ки мавқеи асосиро музди меҳнат 36%, баъдан даромадҳои дигар 19,1%, интиқолҳои пулӣ аз хориҷи кишвар 12,5% ва фаъолияти соҳибкорӣ 10,1% дар бар гирифта, ҳиссаи кумакҳои иҷтимоӣ, ёрии хешовандон, фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ нисбатан хурд буда, дар якҷоягӣ 4,3%-ро ташкил додааст. Аз натиҷаи назарсанҷӣ муайян гардид, ки ҳоло ҳам ҳиссаи музди меҳнат дар сохтори даромадҳои аҳолӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, бештар аз се як ҳиссаи даромадҳоро ташкил додааст, ҳамзамон ҳиссаи интиқолҳои пуллӣ кам гардида, дар зиннаи сеюм ҷойгир шудааст. Аз инҷо бар меояд, ки ҳаҷми интиқоли маблағҳо аз хориҷи кишвар коҳиш ёфта ва мавқеи он дар сохтори даромадҳои аҳолӣ кам гардидааст. Пас маълум мегардад, ки дар беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ интиқоли маблағҳои пулӣ аз хориҷи кишвар саҳми назаррас надорад. (ниг. ба диаграммаи 5).

Диаграммаи 5.

Манбаъҳои даромади респондентҳо



1.2. Шакл ва намудҳои суратҳисоби бонкӣ

Барои муайян намудани талабот ба гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаи онҳо донистани намуди суратҳисоби бонкии истифодашаванда хеле муҳим мебошад. Натиҷаи пурсиш муайян намуд, ки 32,6 % респондентҳо суратҳисоби амонатӣ бо сомониро истифода бурда, 16,9% суратҳисоби қарзӣ ва 15,6% дигар шакли суратҳисобҳоро истифода мебаранд. Ҳиссаи суратҳисобҳои амонатӣ ва қарзӣ, ки бо асъори хориҷӣ мебошанд, хеле кам буда, дар якҷоягӣ ба 3,5% баробар аст (ниг. ба диаграммаи 6).

Диаграммаи 6.




1.3. Намудҳои маҳсулоти молиявӣ

Масъалаи дигар ин истифодабарии намуди маҳсулоти молиявӣ мебошад, ки моҳияти асосии тадқиқотро фаро гирифтааст. Барои арзёбии талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи он омӯзиши намудҳои маҳсулоти истифодашавадаи молиявӣ аҳамияти калон дорад. Аз маълумоти овардашуда бармеояд, ки дар зиннаи сегонаи аввал, ки бештар аз 78,5%-ро ташкил додаанд, кортҳои пардохтии бонкӣ ва интиқоли маблағҳо тавассути ин кортҳо фаро гирифтааст, ки қариб нисфӣ (47,1%) шумораи умумии респондентҳо аз кортҳои пардохтии бонкӣ ва дигар намуди кортҳоро истифода бурдаанд. Ҳиссаи танҳо кортҳои бонкӣ бошад, 24,5% ва интиқоли маблағҳо бошад 6,9% ташкил додаанд. Чунин интихоби респондентҳо қобили қабул мебошад, зеро васеъ гардидани доираи

номгӯи маҳсулоти молиявӣ асосан барои ҷавонон бештар имконият медиҳад, ки аз ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва шаклҳои мухталифи молияи рақамӣ истифода баранд ва майлу хоҳиш ба хизматрасонии электронии пардохт бештар мегардад.

Ҳангоми назарсанҷӣ муайян гардид, ки шахсони аз намудҳои маҳсулоти молиявӣ умуман истифада намебаранд 0,4% буда, ҳиссаи ночиз дорад. Ҳамчунин, истифодаи пасандоз, QR-рамз, пасандоз ва дигар шакл, қарз ва шакли маҳсулоти молиявӣ хеле хурд буда, дар маҷмуъ 2,9% шумораи умумии истифодабарандагони маҳсулоти молиявиро дар бар гирифтааст. Аз натиҷаи назарсанҷӣ муайян гардид, ки талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ чандирӣ буда, бо назардошти завқ, хоҳиш, рағбат ва имкониятҳои дастрасии респондентҳо ба ин номгӯи маҳсулоти молиявӣ мунтазам дигаргун мешавад (ниг. ба диаграммаи 7).

Диаграммаи 7.




1.4. Мақсади истифодаи навъҳои кортҳои пардохтии бонкӣ

Масъалаи дигаре, ки муҳим дониста мешавад, ин муайян намудани мақсади истифодабарии кортҳои пардохтӣ ва арзёбии талабот дар ин самт мебошад. Зеро бо назардошти тақвияти ҳисоббаробаркунонии ғайринақдӣ ва гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ мақсади

истифодабарии кортҳои пардохти низ тағйир меёбад. Дар ин масъала истифодаи кортҳои пардохти бештар бо мақсади гирифтани музди меҳнат ва дигар пардохтҳо, гирифтани интиқоли пулӣ аз хориҷа, гирифтани музди меҳнат ва пардохти хизматрасонии коммуналӣ ва дигар пардохтҳо ба назар расида, дар маҷмуъ 78,6% ташкил додаанд. Ҳамзамон аз таъдоди умумии пурсидашавандагон 4,1% барои ҷавоб гардонидан ба ин савол худдорӣ намуда, 2,3% кортҳои пардохтиро бо мақсади гирифтани нафақа ва дигар пардохтҳо, 2,1% танҳо барои гирифтани нафақа ва 1,7% танҳо барои пардохти хизматрасонии давлатӣ, 0,9% барои пардохти хизматрасонии давлатӣ ва дигар пардохтҳо истифода намудаанд. Ҳамчунин, 0,8% пурсидашавандагон инкор намудаан, ки ё корт надоранд ё онро умуман истифода набурдаанд (ниг. ба диаграммаи 8).

Диаграммаи 8.




1.5. Мақсади истифодабарии замимабарномаҳои мобилӣ

Аз натиҷаи таҳлили маълумоти дар диаграммаи 6 дарҷ гардида бар меояд, ки ҷиҳати иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июни соли 2023, №586 “Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ” ба масъалаи ворид намудани ҳамаи номгӯи хизматрасонии давлатӣ, пардохти андозҳо, боҷҳои давлатӣ, пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба буҷет, ҷаримаҳо,маблағи суғуртаи ҳатмии давлатӣ, хизматрасонии тиббӣ, хизматрасонии коммуналӣ, намудҳои

дигари хизматрасонии давлатӣ ва хизматрасонии музднок ба замимабарномаи ташкилотҳои қарзӣ тадбиҳои зарурӣ андешида шавад. Бинобар ин, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки замимабарномаҳои пешниҳодшавандаро мукаммал намуда, ҳамаи номгӯи хизматрасонии молиявиро дар он дарҷ намоянд ва аз QR -коди ягона истифода баранд. Дар ин асос масъалаи дигаре, ки ба миён омадааст ин мақсади истифодабарии замимабарномаи мобилӣ ва то кадом андоза самаранок будани онро мефаҳмонад. Натиҷаи назарсанҷӣ муқарар намуд, ки аслан истифодаи замимабарномаҳои мобилӣ бо мақсади пардохти хизматрасонии коммуналӣ, пардохт намудани қарз ва дигар пардохтҳо ва пур намудани суратҳисобҳо истифода бурда мешаванд. Ҳамчунин, 3,1% респондентҳо қайд намудаанд, ки замимабарномаи мобилиро истифода намебаранд. Дар зиннаи аз ҳама охирон пардохти хариду фурӯши молу ашё (1,2%), пардохти хизматрасонии телефони мобилӣ (1,3%), пур кардани суратҳисоби бонкӣ ва дигар пардохтҳо дар якҷоягӣ (4,0%) ташкил додаанд (ниг. ба диаграммаи 9).

Диаграммаи 9.



Аз натиҷаи таҳлили маълумот бар меояд, ки баробари зиёд гардидани имконияти дастрасӣ ба хизматрасонии молиявӣ ва вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ талаботи аҳолӣ ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ бештар мегардад, агар қувваи барқ ва интернети босуръат мунтазам таъмин гардад.

1.6. Интернент бонкинг ва мақсади истифодабарии он

Дар ин радиф масъалаи бо кадом мақсад истифодабарии интернет бонкинг ба миён меояд, ки бояд мавриди назар қарор дода шавад. Тавре аз таҳлили маълумоти назарсанҷӣ бармеояд, аз се як ҳиссаи респондентҳо интернет бонкингро танҳо бо мақсади пардохти хизматрасонии коммуналӣ ё дигар мақсадҳо истифода карда, 19,2% аз ҷавоб гардонидан ба ин савол худдорӣ намуда, 17,5% танҳо бо мақсади пардохти хизматрасонии коммуналӣ онро истифода кардаанд. Минбаъд пардохт намудани қарз 7,4%, пардохти хариди молу ашё 5,5%, маблағгузорӣ ба суратҳисоби бонкӣ 4,0%, пардохт намудани қарз ва дигар хизматрасонӣ 3,3% ва пардохти андоз 3,0% ташкил додааст. Дар зиннаи ниҳоӣ пардохти фурӯши молу ашё ва пардохти дигар хизматрасонӣ меистад, ки дар якҷоягӣ 1,4% ташкил дода, ҳамзамон 6,6% пурсидашавандагон ин замимабарномаро умуман истифода набурдаанд (ниг. ба диаграммаи 10).

Диаграммаи 10.



Дар ин самт ташкилотҳои қарзиии молиявиро зарур аст, ки ҷиҳати ҳарҷӣ бештар истифода бурдани замимабарномаи интернет бонкинг корҳои тарғиботӣ ва ташвиқотиро тавассути воситаҳои ахбори омма ё саҳифаҳои иҷтимоӣ дар шакли ролик ё дигар усулҳои тарғиботӣ бештар намоянд, то ин ки аҳолӣ аз моҳияти интернет бонкинг, моҳият ва зарурати истифодаи он бештар маълумот дошта бошад.

2. Ҳолати истифодабарии хизматрасонии молиявӣ

2.1. QR -рамз ва мақсади истифодабарии он

Дигар масъалаи муҳим дар самти талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ ин муайян намудани мақсади истифодабари QR-рамзҳо дар фаъолияти амалӣ мебошад. Натиҷаи назарсанҷӣ муқаррар намуд, ки мақсади асосии истифодаи QR-рамзҳо ин пардохти хариди молу ашё 21,8%, пардохти хизматрасонии коммуналӣ ва дигар пардохтҳо 16,7%, пардохти танҳо хизматрасонии коммуналӣ 11,3% ва пардохти қарз 4,9%-ро ташкил дода, 16,7% пурсидашудагон ба ин савол посух надодаанд ва 11,2% QR-рамзҳоро умуман истифода набурдаанд. Дар зиннаи аз ҳама охирон пардохти хизматрасонии алоқа ва дигар 0,2%, пардохти хизматрасонии давлатӣ ва дигар 1,7%, пардохт намудани қарз ва дигар хизматрасонӣ 1,8% ва пардохти фурӯши молу ашё 2,2% мебошанд. Ҳамчунин, 20,1% пурсидашавандагон ба ин савол посух надодаанд (ниг. ба диаграммаи 11).

Диаграммаи 11.



Баъд аз ҷорӣ гардидани QR-рамзи ягона аз ҷониби Бонки миллӣ масъалаи мақсаднок истифодабарии он дар ташкилотҳои қарзӣ мубрам дониста мешавад, зеро ҷиҳати таъмини сари вақтии пардохтҳо ва талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявиро фароҳам оварда, имкониятро бештар мегардонад.

2.3. Арзёбии маҳсулоти қарзии ТҚМ

Дар ин замина, масъалаи истифодаи намуди қарз ва шаклҳои бештар маъмули он мавриди омӯзиш қарор дода шуд, ки дар мавқеи аввал истифода нагардидани қарз аз ҷониби респондентҳо 26,3%, минбаъд қарзҳои истеъмолӣ 25,1%, истеъмолӣ ва дигар намуди қарз 13,5%, истифодаи қарз барои таъмири хона 5,4% ва барои пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ 5,0% дар бар гирифтааст. Ҳамчунин, 6,2% пурсидашавандагон аз ҷавоб гардонидан ба ин савол худдорӣ намуда, 3,1% барои хариди ҷиҳози хона, 2,8% барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ, 1,8% барои хариди воситаи нақлёт, 1,4% барои сохтмони манзил ва 0,8% барои хариди манзил маблағҳои қарзиро истифода бурдаанд. Дар зиннаи ниҳоӣ, истифодабарии қарз барои сафари муҳоҷирати меҳнатӣ 0,1%, соҳибкорӣ ва дигар намуди қарз 0,2%, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар намуд 0,3%, сохтмони манзил ва дигар хизматрасонӣ 0,4% -ро ташкил намудааст (ниг. ба диаграммаи 12).

Диаграммаи 12.




Дар ин самт баҳодиҳӣ ба сифати маҳсулоти қарзии ташкилотҳои қарзии молиявӣ нақши муҳим дошта, аз лиҳози сифат баҳогузории маҳсулоти қарзӣ муайян намуд, ки бештар аз 65% пурсидашавандагон баҳои мусбӣ дода, дар маҷмуъ 11% дар ҷавоб гардонидан мушкилӣ кашидаанд ё аз ҷовоб гардонидан ба ин савол худдорӣ намудаанд. Ҳамчунин, 4% -и пурсидашавандагон сатҳ ва сифати маҳсулоти қарзии ташкилотҳои қарзии молиявиро “хеле бад” ва 2% “бад” баҳогузорӣ намудаанд, ки баҳои “ғайриқаноатбахши” сифати маҳсулоти қарзӣ маҷмуан 6% -ро дар бар гирифтааст. (ниг. ба диаграммаи 13).

Диаграммаи 13.




Дар ин масъала ташкилотҳои қарзии молиявиро мебояд, ки ҷиҳати баланд бардоштани сатҳ ва сифати маҳсулоти қарзии худ бештар кушиш намояд то ин, ки талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявии онҳо зиёд гардад, зеро яке аз омили таъминкунандаи рақобат дар бозори байнибонкӣ маҳз беҳтар гардонидани сифати маҳсулоти молиявии пешниҳодшаванда ва ба таври фаврӣ дастрасӣ ба он мебошад.

## 2.4. Қаноатмандӣ аз меъёри фоизи пасандозҳо дар ТҚМ

Дар баробари ин масъалаи дигаре, ки ба талаботи маҳсулоти молиявӣ алоқамандӣ дорад ин меъёри пасандозҳо ва ҳолати қаноатмандии респондентҳо мебошад. Аз маълумоти натиҷаи назарсанҷӣ муайян гардид, ки 38% пурсидашавандагон меъёри фоизи пасандозҳоро қобили қабул шуморида, 20,8% меъёри фоизи пасандозҳоро паст ва 15,2% ин меъёрро баланд мешуморанд. Ҳамчунин, 13,4% посух ба ин саволро мушкил ва 9,8% умуман ҷавоб нагардонидаанд ва 2,7% доштани пасандозро рад намудаанд. Аз ҷамъбасти маълумот бар меояд, ки танҳо 43,2% пурсидашавандагон аз меъёри фоизи пасандозҳо қаноатманд буда, 44% аз ин меъёри фоизҳо ё розӣ нестанд ё ба ин савол посух нагардонидаанд. Дар ин самт ташкилотҳои қарзии молиявиро мебояд, ки ҷиҳати баланд бардоштани

фоизи пасандозҳо ва ҷалби ҳар чи бештари онҳо кушиш намоянд (ниг. ба диаграммаи 14).

Диаграммаи 14.




2.5. Намуди маҳсулоти молиявии ба фаъолият кумакрасон

Дигар масъалае, ки ҷиҳати арзёбии талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ ва афзоиши он муҳим ҳисобида мешавад, ин таъсири маҳсулоти молиявӣ ба фаъолияти касбӣ пурсидашавандагон мебошад. Бинобар ин, масъалаи дигаре, ки мавриди назарсанҷӣ қарор дода шуд ин муайян намудани шаклҳои маҳсулоти молиявӣ, ки дар фаъолияти ҳаррӯза кумак мерасонанд. Аз натиҷаи назарсанҷӣ муқарар гардид, ки қарзи пешниҳоднамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва дигар шакл дар зинаи аввал қарор дошта 21,2%-ро дар бар мегирад. Дар зинаи дуюм интиқоли пулӣ 12,7%, зинаи сеюм қарзҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ 9,8%, зинаи минбаъда сари вақт дастрас накардани пули нақд 9,6%, интиқоли пулӣ ва дигар маҳсулот 9,1% ташкил додаанд. Дар зинаи ниҳоӣ истифодаи QR-рамзҳо 1,0%, истифодаи кортҳои пардохтӣ ва дигар маҳсулот 0,3%, пасандоз ва дигар маҳсулот 0,3% ташкил намуда, ҳамчунин, 0,2% респондентҳо иқрор шудаанд, ки истифода намебаранд (ниг. ба диаграммаи 15).

Диаграммаи 15.




2.6. Мушкилот дар самти истифодаи маҳсулоти молиявӣ

Дар ин самт ташкилотҳои қарзирии молиявиро зарур аст, ки номгӯйи нави маҳсулот ва хизматрасонии молиявӣ бонкиро бо назардошти талаботи муштариён ва татбиқи хизматрасонии молиявии инноватсионӣ такмил дода, дастрасиро ба гуногуншаклии маҳсулоти нави бонкӣ бештар намоянд. Бинобар ин, ошкор намудани мушкилот дар самти истифодаи маҳсулоти молиявӣ барои воқеъбинона арзёбӣ намудани талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ нақши муҳим бозида, тавсияҳо оид ба рушди минбаъдаро дар ин самт фарогир мебошад. Натиҷаи посухи респондентҳо оид ба ин масъала муайян намуд, ки 26,2% барои ҷавоб гардонидан ба ин савол мушкилӣ кашида, 22,6% набудани пули нақд дар банкоматҳоро мушкилоти асосӣ меҳисобанд. Ҳамчунин, 17,6% ба ин савол умуман посух нагардонида, 9,8% дар истифодаи маҳсулоти молиявӣ ягон мушкилиро намебинанд, лекин 8,8% гаронии ҳаққи хизматрасониро мушкилии асосӣ дар истифодаи маҳсулоти молиявӣ медонанд. Дар зиннаи минбаъда набудани пули нақд ва дигар мушкилот, сари вақт анҷом надодани супоришномаи пардохтӣ ва набудани маблағи қарзӣ ба шумор меравад, ки дар маҷмуъ 13% -ро ташкил намудааст. Ҳамчунин, паст будани

суръати интернет, набудани маблағҳои қарзӣ ва дигар мушкилот дар зиннаи ниҳоӣ ҷойгир шудаанд, ки ҳисаашон ҳамагӣ 1,4%-ро дар бар гирифтааст (ниг. ба диаграммаи 16).

Диаграммаи 16.



**Хулоса ва тавсияҳо:**

1. Такмили гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди онҳо бе назардошти ҳамкории судманд байни ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва субъектҳои иқтисодии дигар, аз ҷумла аҳолӣ, ки истифодабарандаи мол ва хизматрасонии молиявӣ мебошанд, ғайриимкон аст. Барои афзун намудани талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ ва таҳияи тавсияҳо оид ба рушди онҳо баланд бардоштани сатҳи дониш ва маърифати молиявии аҳолӣ нақши муҳим мебозад.

Назарсанҷӣ муайян намуд, ки талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ бо назардошти сатҳи дониш ва маълумотнокӣ муҳим дониста шуда, аксарияти (52%) респондентҳо, ки дар назарсанҷӣ иштирок намуданд, дорои маълумоти олӣ мебошанд, аз ин ҷиҳат сатҳи маълумотнокӣ имконият ва дастрасиро ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ ва талаботро ба онҳо бештар мегардонад.

Дар ин самт низоми бонкиро зарур аст, ки чораҳои дахлдор андешида, масъалаи баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолиро дар мадди аввал гузорад ва шаклҳои мухталифи муосири маҳсулоти инноватсионии молиявиро ҷорӣ намуда, дар ин замина тавсияҳоро доир ба рушди онҳо бештар гардонад.

2. Барои арзёбии талабот ба гуногуншаклии маҳсулоти молиявӣ муайян намудани манбаи даромади респондентҳо хеле муҳим дониста мешавад. Дар ин самт мавқеи асосиро музди меҳнат 36%, баъдан даромадҳои дигар 19,1%, интиқоли пуллӣ аз хориҷи кишвар 12,5% ва фаъолияти соҳибкорӣ 10,1% дар бар гирифтааст. Аз натиҷаи таҳлил бар меояд, ки ҳоло ҳам ҳиссаи музди меҳнат дар сохтори даромадҳои аҳолӣ мавқеи асосиро ишғол намуда, бештар аз се як ҳиссаи даромадҳоро ташкил додааст, лекин ҳиссаи интиқоли пулӣ нисбат ба солҳои қаблӣ коҳиш ёфта, мавқеи он дар сохтори даромадҳои аҳолӣ кам гардидааст.

3. Барои арзёбии талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ ҷиҳати рушди минбаъдаи онҳо омӯзиши намудҳои маҳсулоти истифодашавадаи молиявӣ аҳамияти калон дорад. Дар зиннаи сегонаи аввал, ки бештар аз 78,5%-ро ташкил додаанд, кортҳои пардохтии бонкӣ ва интиқоли маблағҳо тавассути ин кортҳо фаро гирифтааст, ки қариб

нисфи (47,1%) шумораи умумии респондентҳо аз кортҳои пардохтии бонкӣ ва дигар намуди кортҳо истифода бурдаанд. Танҳо ҳиссаи кортҳои бонкӣ бошад, 24,5% ва интиқоли маблағҳо бошад 6,9% ташкил додаанд.

Натиҷаи таҳлил муайян намуд, ки васеъ гардидани доираи номгӯи маҳсулоти молиявӣ асосан барои ҷавонон бештар дастрас мебошад, зеро онҳо аз ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ва шаклҳои мухталифи молияи рақамӣ бештар истифода мебаранд ва майлу хоҳиш зиёдтар барои истифода бурдани чунин шакли хизматрасонии электрониро доранд.

Инчунин, муайян гардид, ки талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ чандирӣ буда, бо назардошти завқ, хоҳиш, рағбат ва имкониятҳои дастрасии респондентҳо ба ин номгӯйи маҳсулоти молиявӣ мунтазам дигаргун мешавад.

Аз натиҷаи таҳлили маълумоти назарсанҷӣ бар меояд, ки дар баробари зиёд гардидани имконияти дастрасӣ ба маҳсулоти молиявӣ ва вусъат бахшидани ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, талаботи аҳолӣ ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ бештар мегардад, агар қувваи барқ ва интернети босуръат мунтазам таъмин гардад.

Дар ин радиф масъалаи бо кадом мақсад истифодабарии интернет бонкинг ба миён меояд, ки бояд мавриди назар қарор дода шавад.

Дар ин самт ташкилотҳои қарзиии молиявиро зарур аст, ки ҷиҳати ҳарчи бештар истифода бурдани замимабарномаи интернет бонкинг корҳои тарғиботӣ ва ташвиқотиро тавассути воситаҳои ахбори омма ё саҳифаҳои иҷтимоӣ дар шакли ролик ё усулҳои дигари тарғиботӣ бештар намоянд, то ин ки аҳолӣ аз моҳияти интернет бонкинг ва зарурати истифодаи он бештар маълумот дошта бошад.

4. Сохтори хизматрасонии молиявии рақамии истифодашуда гуногун буда, шахсоне, ки аз намудҳои мухталифи маҳсулоти молиявӣ умуман истифада намебаранд ҳиссаи ночизро ташкил намуда, ба 0,4% баробар аст. Ҳамчунин, истифодаи пасандоз, QR-рамз, қарз, шакли маҳсулоти молиявӣ ва дигар шакл хеле хурд буда, дар маҷмуъ 2,9% шумораи умумии истифодабарандагони маҳсулоти молиявиро дар бар гирифтааст. Аз натиҷаи назарсанҷӣ муайян гардид, ки талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ чандирӣ буда, бо назардошти завқ,

хоҳиш, рағбат ва имкониятҳои дастрасии респондентҳо ба ин номгӯйи маҳсулоти молиявӣ мунтазам тағйир меёбад.

Дар ин самт ташкилотҳои қарзии молиявиро зарур аст, ки ҷиҳати таъмини талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ ва дастрасӣ ба ин хизматрасонӣ корҳои фаҳмондадиҳиро хубтар ба роҳ монанд, замимабарномаҳои пешниҳодшавандаро мукаммал намуда, ҳамаи номгӯйи хизматрасонии молиявиро дар он дарҷ намоянд ва аз QR - рамзи ягона мақсаднок истифода баранд.

5. Муайян гардид, ки танҳо 43,2% пурсидашавандагон аз меъёри фоизи пасандозҳо қаноатманд буда, 44% аз ин меъёри фоизҳо ё розӣ нестанд ё ба ин савол посух нагардонидаанд. Дар ин самт ташкилотҳои қарзии молиявиро мебояд, ки ҷиҳати баланд бардоштани фоизи пасандозҳо ва ҷалби ҳарчи бештари онҳо кушиш намоянд.

6. Дар самти баланд бардоштани сатҳ ва сифати маҳсулоти молиявӣ, ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд бештар кушиш намоянд, ки гуногуншаклии маҳсулоти молиявии босифатро зиёд намоянд. Зеро яке аз омили таъминкунандаи рақобат дар бозори байнибонкӣ маҳз беҳтар намудани сифати маҳсулоти молиявии пешниҳодшаванда ва ба таври фаврӣ дастрасӣ ба онҳо мебошад.

Дар ин самт ташкилотҳои қарзирии молиявиро зарур аст, ки номгӯйи нави маҳсулот ва хизматрасонии молиявии бонкиро бо назардошти талаботи муштариён мутобиқи хизматрасонии молиявии инноватсионӣ такмил дода, дастрасиро ба гуногуншаклии маҳсулоти нави бонкӣ бештар намоянд.

Бинобар ин, ошкор намудани мушкилот дар самти истифодаи маҳсулоти молиявӣ барои воқеъбинона арзёбӣ намудани талабот ба гуногунии маҳсулоти молиявӣ нақши муҳим дошта, тавсияҳои асоснокро оид ба рушди минбаъда дар ин самт талаб менамояд.

Натиҷаи посухи респондентҳо оид ба ин масъала муайян намуд, ки 26,2% барои ҷавоб гардонидан ба ин савол душворӣ кашида, 22,6% набудани пули нақд дар банкоматҳоро мушкилоти асосӣ медонанд.

Ҳамчунин, 17,6%-и респондентҳо ба ин савол умуман посух нагуфта, 9,8% дар истифодаи маҳсулоти молиявӣ ягон душвориро намебинанд, дар баробари ин, 8,8%-и респондентҳо гаронии ҳаққи хизматрасониро мушкилоти асосӣ дар истифодаи маҳсулоти молиявӣ меҳисобанд.